# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



giz

Лесное Хозяйство ГБАО

Идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар Кӯҳистони Бадахшон

## Нашри


Лоиҳа: Идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар Кӯҳистони Бадахшон

Ташкилотҳои иҷрокунанда: Муассисаи Давлатии Хоҷагии ҷангали ВМКБ
к. Карамшоев 96/4, 736000, Хоруғ, ВМКБ, Тоҷикистон

GIZ
Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit GmbH
Барномаи Минтақавии Истифодабарии Устувори Захираҳои Табиӣ дар Осиёи Марказӣ
к. Охонҷонов 58/1, 736000, Хоруғ, ВМКБ, Тоҷикистон
nodesert@giz.de

Муҳаррирон: Анке Гауде, Габриэле Принз

Мушовирони техникӣ: Валтер Беннекендорф, Аслам Мунаков, Бенҷамин Неусел

Рассом ва дизайнер: Дорит Ханевалд

Мутарҷимон: Ҳақризо Нурмамадов; Дониш Донаёров, Фахриддин Дилшодов

*Аз номи Вазорати Федералии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Ҷумҳурии Федералии Олмон*


*© GIZ 2011*

# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Панҷара



# Панҷара бо як чӯбдаста

## Омода намудани мавод

Барои қисмати аввал чӯбдаста бо дарозии 2,5м:

2 дона чӯбдастаи уфуқӣ
1 чӯби поя
1 м³ хор
2 м сим




*Чӯбдаста ва чӯби пояро аз дарахти бед омода намоед.*




*Хорро ба андозаи 1,5 то 2 м бибуред.*







# Панҷара бо як чӯбдаста

## Тартиби кори қисмати аввал

1



*Чӯбдастаи якумро болои замин монда хорро аз болои он бигузоред.*

2



*Баъд чӯбдастаи дуввумро аз болои хор баробар бо чӯбдастаи зер бигузоред.*







# Панҷара бо як чӯбдаста

## Тартиби кори қисмати аввал

**3**



*Дар 2 ё 3 ҷой чӯбдастаи зер ва бологиро бо сим маҳкам бибандед...*

**4**



*...то ин ки хори байни чӯбдастаҳоро мустаҳкам намоед.*









# Панҷара бо як чӯбдаста

## Гузоштани қисмҳои панҷара

**5**



*Дар замин ба андозаи дарозии панҷара чуқурӣ канед.*

**6**



*Барои поячӯбҳо дар замин чуқурӣ канда, онҳоро дар замин сахт кунед.*








# Панҷара бо як чӯбдаста

## Гузоштани қисмҳои панҷара

**7**



*Панҷараро дар даруни чуқурии канда-шуда ба таври амудӣ мобайни поячӯбҳо бигузоред.*

**8**



*Баъд чӯбдастаҳоро бо поячӯбҳо аз ду тараф сахт бибандед.*









# Панҷара бо як чӯбдаста

## Ғузоштани қисмҳои панҷара

**9**



*Баъд чӯбдастаҳои панҷараро бо поячӯбҳо аз ду тараф сахт бибандед.*

**10**



*Ҷои кандагиро бо хоку рег пур карда, онро бо пой сахт лагадкӯб намоед.*








# Панҷара бо як чӯбдаста

## Пайвасткунии қисмҳои панҷара

**11**



*Қисматҳои панҷараро бо ҳамдигар пайваст намоед.*

**12**



*Ҷойҳои пайвастшавандаро бо ҳам маҳкам намоед.*







# Шинондани панҷара бо хори зинда

**1**



**2**



**3**




*Барои обёрӣ ҷӯйчаеро қад-қади панҷара биканед ва дар атрофи он дар масофаи 50см дурӣ аз ҳамдигар намуди хорҳои модина (мевадиҳанда)-ро бишинонед.*

*Нақша*





# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Ҷӯйборҳо



# Соҳилмустаҳкамкунӣ

## Бо ниҳолҳо

### Ниҳолҳои кӯтоҳ




### Ниҳолҳои кӯтоҳ




### Ниҳолҳои дароз




*Дарозии ниҳолҳо аз 30 то 50 см ташкил медиҳад. Ниҳолҳо ба дарахтон ва буттаҳо табдил меёбанд ва решаи онҳо соҳилро мустаҳкам менамояд. Аз дарахти бед истифода баред, зеро он метавонад бо хор ва сафедор, ё ин ки бо дигар намуди дарахтон омехта шавад.*

*Шинондани дарахтон бо усули уфуқӣ (горизонталӣ) то чуқурии 10 см ва дарозии ниҳолҳо аз 250 то 300 см–ро ташкил медиҳад.*



# Регқапак

## Усули камкунии пуршавии ҷӯйборҳо аз регу қум.

Агар об таҳшинҳои зиёдро овардан гирад, он гоҳ ба сохтани таҳшинкунак зарурат пайдо мешавад. Таҳшинкунакҳо нигоҳубинии доимиро талаб мекунанд; ҳангоми пуршавӣ онҳо бояд таъҷилан тоза карда шаванд. Агар як таҳшинкунак кифоя набошад он гоҳ дар ҷӯйбор ду ё сетои чунин таҳшинкунакҳоро кандан лозим аст.










# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Усулҳои шинондан

# Намудҳои маҳаллӣ

**Бед**



**Сафедор**



**Хор (ангат)**



| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Кишт

## Кишти тухмӣ

**1**



*Қитъаро барои кишт омода кунед. Кулуххҳоро нарм карда, алафҳои бегонаро чида тоза намоед.*

**2**



*Тухмиҳоро дар замин пошед.*



| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|





# Кишт

## Кишти тухмӣ

**3**



*Аз болои тухмӣ хок ё регро пошед, ки қабати он аз 10 мм зиёд набошад.*

**4**



*Хокро мунтазам об диҳед (намнокӣ бошад), то ки тухмиҳо хушк нашаванд.*











| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Кишт

## Сабзондани ниҳолҳо ва кӯчонда ба ҷои дигар шинондани онҳо: халтачаҳои полиэтиленӣ

**1**




*Моҳи январ - аввали моҳи феврал тухмиҳоро дар дохили бино дар халтачаҳои полиэтиленӣ, дар замини тамъизкардашуда коридан лозим аст.*

**2**



*Халтаҳои полиэтилениро дар қуттиҳои махсуси боркашонӣ ҷо ба ҷо намоед ва бигзор ниҳолҳо дар мӯҳлати се моҳ инкишоф ёбанд...*

**3**



*...то он даме ки онҳоро дар моҳи май ё июн ба қитъаи ниҳолшинонӣ набурдаед.*





# Кишт

## Сабзондани ниҳолҳо ва кӯчонда ба ҷои дигар шинондани онҳо: қуттиҳо барои ниҳолҳо.

**1**




*Дар моҳи январ ва аввали моҳи феврал тухмиҳоро дар даруни қуттиҳо қатор-қатор шинондан мумкин аст. Масофаи байни қаторҳо 10 см.*

**2**



*Ниҳолҳо дар мурури се моҳ месабзанд…*

**3**




*…то он даме, ки дар халтачаҳои полиэтиленӣ ё бевосита дар мавзеи муайян дар моҳи май ё июн шинонда мешаванд.*



# Сифати ниҳолҳо

Танҳо ниҳолҳои сифатан хуб ва солимро шинонед! Боварӣ ҳосил намоед, ки решаи ниҳолҳо аз таъсири нури офтоб ва шамол ҳангоми ниҳоҳубинӣ намудан ва ё худ дар вақти кашонданашон зарар надида бошад! Ба хушкшавиашон роҳ надиҳед! Ҳамеша решаи ниҳолҳоро бо ягон намуди матои мувофиқ пӯшонед!

Ниҳолҳоро ба андозаи ҳамон чуқурӣ шинонед, ки онҳо дар дохили қуттиҳо ва халтачаҳои полиэтиленӣ сабзида буданд. Решаи ниҳолҳоро пахш накунед!



*Ниҳоли сифатан хуб*



*Ниҳоли сифатан паст*



# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани решаҳои урён бо истифодаи бели найзадори нугтез.

1



*Белро гирифта порчаи заминро буред.*

2



*Пораи буридаи хокро бо бел бароред.*

3



*Ниҳолро дар даруни чуқурӣ гузоред.*







| ЯНВ | ФЕВР | **МАРТ** | **АПР** | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани решаҳои урён бо истифодаи бели найзадори нугтез

**4**



*Пораи хоки буридашударо дар чуқурӣ гузоред.*

**5**



*Хоки гирди ниҳолро бо пояток сахт пахш кунед.*



# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани решаҳои урён бо истифодаи бели хамида (бели махсуси ниҳолшинонӣ)

**1**



*Бели хамидаро ба таври амудӣ (вертикалӣ) дар замин пахш кунед. Хокро набароред.*

**2**



*Аз тарафи дигар заминро кач̧ бибуред.*

**3**



*Хоки буридашударо ба тарзе берун кунед, ки он аз бел ҷудо нашавад.*









| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани решаҳои урён бо истифодаи бели хамида (бели махсуси ниҳолшинонӣ)

**4**



*Ниҳолиро дар замин гузоред.*

**5**



*Хоки буридаро дар чуқурӣ гузоред*

**6**



*Хокро дар гирди ниҳол сабук-сабук пахш намоед.*





# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани ниҳол бо хокаш бо истифодаи бели хамида (бели махсуси ниҳолшинонӣ)

**1**



*Бели хамидаро ба таври амудӣ (вертикалӣ) дар замин пахш кунед. Хокро набароред.*

**2**



*Аз тарафи муқобил низ заминро ба ҳамон тавр бибуред.*

**3**



*Хоки буридашударо берун кунед.*





# Шинондани ниҳолҳо

## Шинондани ниҳол бо хокаш бо истифодаи бели хамида (бели махсуси ниҳолшинонӣ)

**4**



*Ниҳолиро бо хокаш дар замин бигзоред.*

**5**



*Хокро сабук-сабук лагадкӯб намоед.*





# Шинондан

## Талабот ба шумораи ниҳол ва тарзи ҷойгиршавии растаниҳо




Намуна: Ҷойгиршавии беду сафедор 2x2 м, 2500 ниҳол дар 1 гектар

| | |
|---|---|
| Бед: | 2 x 2 м |
| Сафедор: | 2 x 2 м |
| Ангат (хор): | 2 x 4 м |
| Хуч (гулхор): | 2 x 4 м |
| Буттаи қоти сиёҳ: | 2 x 4 м |

Ҷойгиршавии намудҳи гуногун

***Шумораи растаниҳо дар майдони ниҳолшинонӣ***

*а = масофаи байни қаторҳо*
*б = масофаи байни растаниҳо*
*қ = масоҳати қитъаи ниҳолшинонӣ*
*м = масоҳат барои як растанӣ*
*ш = шумораи умумии ниҳолҳо*

*м = а × б*
*ш = қ ÷ м*

*Намуна:* *а = 2 м*
*б = 2 м*
*қ = 5 га = 50 000 $м^2$*
*м = а × б = 4 $м^2$*
*ш = қ ÷ м = 50 000 $м^2$ ÷ 4 $м^2$*
***ш = 12 500 ниҳолӣ***

Ҳисоби майдон ва миқдори растаниҳо барои шинондан дар минтақаи ниҳолшинонӣ





# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Сафедор

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|





# Тайёрӣ ба ниҳолшинонӣ

## Интихоби қаламча




*Шохаи яксолаи ғафсиаш 2см, иборат аз муғча.*

Қаламчаҳоро ба андозаи 30-50 см ба тавре бибуред, ки ҳар кадоми онҳо на кам аз 3 муғча дошта бошанд. Мувофиқи имкон аз саршох истифода баред. Қаламчаҳоро аз шохае интихоб намоед, ки ҳамагӣ як сол умр доранд ва онҳоро аз дарахте бибуред, ки умраш на зиёдтар аз 6 сол бошад. **Пеш аз шинондан:** ниҳолҳоро дар об ба мӯҳлати аз 8 то 12 рӯз тар намоед, беҳтараш дар оби ширину равон.

**Талабот ба сифати қаламча:** Муғчаҳояшон набояд, ки шукуфтагӣ бошанд! Пӯсти ниҳол захмишуда набошад! Танаи он солим ва рост бошад! Дар сараки қаламчаи арар ҳамагӣ бояд як муғча бошад!









| ЯНВ | ФЕВР | **МАРТ** | **АПР** | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Ниҳолшинонӣ

## Тарзи ниҳолшинонӣ: бо қаламчаҳо

**1**



*Дар замин бо мехи чӯбин ё оҳанин чуқуриҳо биканед.*

**2**



*Қаламчаҳоро бишинонед!*

**3**




*Боварӣ дошта бошед, ки ½ қисмати қаламча дар даруни хок мебошад.*



# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Интихоби дарахтони муносиб барои буридан (ДМБ)

ДМБ (Дарахтони муносиб барои буридан)-ро тақрибан дар ҳар як 4-6 м, вақте ки худтозакунӣ аз шохчаҳо оғоз мегардад, бояд нишон кард! Тавсияи миқдори ДМБ дар 1 га аз 400 то 500 ДМБ (бо масофаи 4x4 ё 5x5 м) мебошад.

ДМБ – ин дарахти баланду қавӣ, ки дорои танаи рост мебошад. Танҳо ба ҳамон ДМБ диққати махсус диҳед, ки барои истеҳсоли чӯби сохтмонӣ заруранд!

Боварӣ ҳосил намоед, ки аз ин ДМБ баландии саршоххо баробари ½ баландии умумии поя аст. Баландии саршох, ки ⅓ баландии умумии пояро ташкил мекунад, кифоя аст, агар даври дуюми тозакунӣ оғоз ёбад (тақрибан баъди 10 сол).




*Характеристикаи дарахтони муносиб барои буридан (ДМБ)*





# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Интихоби дарахтони муносиб барои буридан (ДМБ)

**1**




*Вақте ки худтозакунии дарахтон аз шохчаҳо оғоз меёбад, тақрибан дар ҳар як 4-6 м дарахтони муносибро барои буридан (ДМБ) муайян намоед.*

**2**



*Дарахтони муносиб барои буриданро (ДМБ) бо ранг ё банд нишон кунед.*





# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Ниҳолҳое, ки аз қаламчаҳо рӯидаанд

Тоқакунии якумро бо роҳи тозакунии як дарахти муқобили ҳар як ДМБ-ро ба иҷро расонед. Дар як вақт зиёда аз ду муқобили як ДМБ-ро набуред! Ба ғафсии шохаҳо диққат диҳед, то ки истеҳсоли чӯби сохтмониро таъмин намоед.

### Тоқакунии якум



*Як дарахти муқобили ҳар як ДМБ-ро буред.*









| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Ниҳолҳое, ки аз қаламчаҳо рӯидаанд

### Тоқакунии баъдина



*Ҳар як 3-5 сол. Фосила набояд бештар аз он бошад, ки ғафсии (диаметри) саршох аст!*

Тоқакунии дарахтонро дар ҳар 3-5 сол танҳо ба ҳамин мақсад давом диҳед! Буридани навчаи рӯида байни ДМБ барои ҳезумтайёркунӣ мумкин аст, агар он барои истеҳсоли чӯби сохтмонӣ халал нарасонида бошад!







# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Ниҳолҳое, ки аз қаламчаҳо рӯидаанд

Вақте ки тақрибан баъди 15 сол аввалин ДМБ-ҳо ба андозаи зарурӣ барои истеҳсоли чӯби сохтмонӣ мерасанд, амалияи 3 зинагии чӯбтайёркуниро (бурриши истифодаи муҳим) оғоз намоед! Бигзор сабзиши зоҳиршаванда то даме оғоз ёбад, ки худтозакунӣ аз шохчаҳо сар шавад, баъд аз ин равиши муносиби нигоҳубиниро давом диҳед!



*ДМБ пеш аз бурриш*







сафедор

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Чорабиниҳо дар вақти нигоҳубинӣ

## Ниҳолҳое, ки аз қаламчаҳо рӯидаанд

### Бурриши муҳими аввал



*⅓-и ҳаҷми умумиро буред.*

### Бурриши муҳими дуввум



### Бурриши муҳими саввум



*Баъди 3-5 соли оянда сеяки боқимондаро буред.*









giz

Лесное Хозяйство ГБАО



# Чорабиниҳо дар вақти шохбурӣ

## Шохбурӣ барои ба даст овардани чӯби сохтмонӣ

Шохбури нумӯи пояи ҳар як дарахтро беҳтар месозад ва ҳамин тавр сифати истеҳсоли чӯбро баланд мебардорад. Он танҳо барои ДМБ гузаронида мешавад.

**Кай:** Шохбурӣ баъди он оғоз меёбад, ки ДМБ нишон шудааст ва аввалин бурриш гузаронида шудааст. Шохбурии сафедор (арар)-ро аз ҳама беҳтар наздики интиҳои даври сабзиш (октябр), вақте ки барг метавонад ҳамчун хӯрок барои чорво истифода бурда шавад, амалӣ кард. Ин ҳамчунони дигар эҳтимолияти сабзиши такрории шохчаҳои майдаро дар пояи асосӣ кам мекунад. Чунин амалро дар ҳар 2-3 сол мегузаронанд.



*Бурриши тоза*











*сафедор*

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Чорабиниҳо дар вақти шохбурӣ

## Шохбурӣ барои ба даст овардани чӯби сохтмонӣ

Чи тавр: ҳамаи шохаҳои паҳлӯгӣ (тар ё хушк) ва ҳамаи руидаҳои асосиро дур созед. Боварӣ ҳосил кунед, ки баландии саршохи зиндамонда ҳадди ақал ½-и баландии умумии пояро ташкил диҳад, агар ин 10 соли аввали умри дарахт бошад. Баландии саршох ⅓-и баландии умумии пояро дар бар мегирад, кифоя аст, агар марҳилаи дуввуми бурриш (тақрибан баъди 10 сол) оғоз ёбад. Шохбуриро то даме, ки 6м пояи тозаи дарахт мондааст, давом диҳед, то ки истеҳсоли чӯби сохтмониро таъмин намоед.

### То шохбурӣ ва пеш аз он














# Чорабиниҳо дар вақти шохбурӣ

## Шохбурӣ барои ба даст овардани чӯби сохтмонӣ

### Шохаҳои майда / шохчаҳо




*Бурриши саҳеҳ ва ростро қад - қади дарахт кунед, вале ба пояи он осеб нарасонед! Дарозии ҷои буридашуда ҳадди ақал 1 см бошад.*

### Шохчаи тари на чандон калон



*Барои он ки ягон осебро нара-сонед, бурришро бо фишор аз таг бо арра ба иҷро расонед.*











# сафедор

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

## Чорабиниҳо дар вақти шохбурӣ

### Шохбурӣ барои ба даст овардани чӯби сохтмонӣ

**Шохҳои калон бо ғафсии (диаметри) зиёда аз 5 см.**




*То ин ки осебе нарасонед ва ё нашиканед, дар 3 давр буред!*






*Шохчаро то 30 см кӯтоҳ кунед. Бурришро аз поён (1) оғоз кунед, сипас аз боло буред (2).*



*Ва дар охир боқимондаи шохаҳоро наздиктар ба поя (3) буред, то ки бурриши тозаи бе осеб ба даст ояд.*

# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



**Бед**



# Тайёрӣ ба ниҳолшинонӣ

## Интихоби қаламча: барои шинондани қаламча ба таври амудӣ (вертикалӣ)




*Барои шинондани намуди амудӣ шохаи яксоларо бо 3 муғча интихоб намоед.*

Қаламчаро бо андозаи 30-50 см ба тавре бибуред, ки ҳар кадоми он на кам аз 3 муғча дошта бошад. Қаламчаҳоро аз шохае, ки як сол умр дорад, бибуред ва аз дарахте интихоб намоед, ки ҳамагӣ 6 сола бошад.

**Талабот ба сифати қаламча:** Муғчаҳояшон набояд, ки шукуфтагӣ бошанд! Пӯсти ниҳол захмишуда набошад! Танаи он солим ва рост бошад!









| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Тайёрӣ ба ниҳолшинонӣ

## Интихоби қаламча: барои шинондани намуди уфуқӣ (горизонталӣ)




*Барои шинондан бо намуди уфуқӣ қаламча бояд аз 8 то 9 муғча дошта бошад.*

Қаламчаро ба андозаи 120 то 250 см бо диаметри 3 см бибуред. Қаламча бояд рост ва солим бошаду дар танааш муғчаҳои зиёдеро дошта бошад. Онҳоро аз дарахти то 6 сола интихоб намоед.





| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |





# Ниҳолшинонӣ

## Тарзи шинондани қаламчаҳо: намуди амудӣ (вертикалӣ)

**1**



*Дар замин бо мехи чӯбин ё оҳанин чуқуриҳо биканед.*

**2**



*Қаламчаҳоро бишинонед!*

**3**




*Боварӣ дошта бошед, ки ½ қисмати қаламча дар даруни хок мебошад.*





*бед*

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Ниҳолшинонӣ

## Тарзи шинондани қаламчаҳо: намуди уфуқӣ (горизонталӣ)

**1**



*Ҷӯйчаи на он қадар калонро ба андозаи чуқурии 20 см биканед.*

**2**



*Дар даруни чуқурӣ қаламчаҳоро ҷойгир намоед*

**3**



*...ва онро бо хок пур кунед.*





# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Се мақсади парвариши ниҳолҳо

### Бо мақсади сӯзишворӣ



*Ниҳолҳои аз қаламча сабзшуда*

### Масолеҳи сохтмонӣ



*Ниҳолҳое, ки бояд аллакай тоза карда шаванд*

### Ҳезум



*Ниҳолҳои худрӯи бед*

# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

**Ниҳолҳое, ки барои сӯзишворӣ омода мешаванд.**



*Сабзиши қаламчаи бед.*



# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Ниҳолҳое, ки барои сӯзишворӣ омода мешаванд: тоқакунӣ

### Тоқакунии аввал



Вақте ки саршохҳо ба ҳамдигар мерасанд...

...ҳар як дарахти 4-умро бибуред!







*бед*

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Ниҳолҳое, ки барои сӯзишворӣ омода мешаванд: тоқакунӣ

### Тоқакунии дуввум



Бигзор дарахтон ҳаракат кунанд, то он даме, ки шохаҳояшон ба ҳам нарасида бошанд.

Баъд аз он аз сари нав ҳар як дарахти 4-умро бибуред. Ҳамзамон ҳар як кундаи дарахти буридашударо низ ҳисоб кунед.





| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

*бед*



# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Ниҳолҳое, ки барои сӯзишворӣ омода мешаванд: тоқакунӣ

### Бурриши баъдӣ



Буридани ҳар як дарахти 4-умро давом диҳед, то замоне ки ба ҷои дарахти буридашуда навдаи худрӯй набаромадааст.

Баъд ҳамин равандро барои ниҳолҳои худрӯи ҷангал давом диҳед.







*бед*

| ЯНВ | **ФЕВР** | **МАРТ** | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Дарахтони бед барои масолеҳи сохтмонӣ дорои андозаи на он қадар калон

**1**



*Беҳтарин шохаҳои наврасро интихоб намоед ва навдаҳои бокимондаро бибуред.*

**2**



*Баъд аз ин мунтазам ҳамаи шохаҳои зерро буридан гиред...*

**3**



*...вале бигзоред шохаҳои бологӣ то ба андозаи лозимӣ ҳаракат намоянд.*







# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Ниҳолҳои худрӯи бед барои гирифтани ҳезум



*Сабзиши навда аз кундаи дарахт*



бед

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Навдаҳои дарахти бед: мунтазамии тозакунии дарахтон

**1**




*Бигузоред, то ки навда тақрибан то 2 м қад кашад.*

**2**




*...баъд $\frac{1}{3}$ қисмати навдаҳоро дар ҳар як кундаи дарахт тоза намоед.*

**3**




*Муддати 2 сол мунтазир шавед, то ки навчаҳои нав бисабзанд.*



# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Навдаҳои дарахти бед: мунтазамии тозакунии дарахтон

**4**




*Баъд $\frac{1}{3}$ қисмати навдаҳои куҳансолро бибуред.*

**5**




*Баъд аз 2 соли сабзиши навчаҳо...*

**6**




*...$\frac{1}{3}$ қисмати боқимондаи навдаҳои куҳансолро буридан гиред, то ин замон аллакай қадашон ба 3-4 м мерасад.*



бед

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Нигоҳубинӣ намудани ниҳолҳои бед

## Навдаҳои дарахти бед: мунтазамии тозакунии дарахтон

**7**




*Пас аз 2 соли сабзиш…*

**8**




*…раванди пешинаро боз аз сари нав давом диҳед.*





# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



**Ангат (хор)**



# Тайёрӣ ба шинондан

## Интихоби ниҳолӣ




*диаметр: аз ҳама калонаш аз 1 то 2 см, ҳадди ақал бо 3 муғча*

Ниҳолиро бояд аз дарахти солим ва хуб ташаккулёфта интихоб кард, ки дар марҳалаи бороварӣ қарор дорад ва ҳамчунин муайянкунии намуди ҷинсияти он имкон дошта бошад. Намуд ва ҷинсияти ниҳолӣ ҳамонгуна мебошад, ки дарахти асл дошта буд. Барои интихоби муносиб беҳтарин ниҳоли намуди занонаро пешакӣ дар вақти мевадиҳӣ нишон кунед.

Ниҳолиро аслан аз навдаҳои порсола, махсусан аз шохаҳои ҷавонтари наздиктар ба реша интихоб намоед. Ниҳолиро дар моҳи феврал ё аввали баҳор омода намоед, вале пеш аз он ки муғчаҳояшон ҳоло ношукуфта бошанд.









# Тайёрӣ ба шинондан

## Растаниҳои намуди мардона ва занона: мувофиқат ва фарқият

Агар шумо мехоҳед, ки ҳосили хуби хорро ба даст гиред, муҳим аст ки мувофиқати намуди мардона ва занонаро риоя намоед. Таносубияти намудҳоро аз 1:8 то 1:10 дона нигаҳ доред. Тахминан ҳар як ниҳоли 10-ум бояд намуди мардона бошад, то ин ки ба сифати дарахти гардолудкунанда хизмат намояд. Агар шуду дар қитъаатон буттаҳои зиёди намуди хори мардона вуҷуд доранд ва шумо мехоҳед, ки дар он ҷо иловагӣ ниҳолӣ шинонед, пас фақат аз намуди занона истифода баред.

**Мардона**



*Якчанд дона гул ба ҳамдигар хело наздик ва зич буда, думчаи гулашон кӯтоҳ мебошад. Муғчаҳо ғафс ва доирашакл буда, ҳамчунин назар ба муғчаҳои намуди занона сиёҳтар ва ҳаҷман калон мебошанд.*

**Занона**



*Фақат як дона гул дорад, вале думчаи гулаш нисбатан дарозтар аст. Гулҳояшон назар бар гулҳои хори мардона ду баробар калонтаранд.*



Лесное Хозяйство ГБАО

# Шинондан

## Тарзи шинондан: қаламча

Қаламчаҳоро мумкин аст, ки фавран дар қитъа дар мавсими вегетасионӣ (нашъунамо) бишинонед. Ҳамчунин шумо метавонед дарзаи қаламчаҳоро дар об бимонед, то ин ки $^2/_3$ қисмати дарозиашон дар даруни об бошад ва онҳоро то баровардани реша дар он ҷо нигаҳ доред. Шинондани қаламча ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки решаи он аллакай аз 1 то 2 см қад кашида бошад. Аммо кӯшиш намоед, ки ба решаи қаламчаҳо осеб нарасонед.

Ҳангоми шинондани қаламчаҳо қаторҳо бояд тавре ҷойгир шуда бошанд, ки самташон аз шимол ба ҷануб бошад, то ки миқдори муайяни нури офтоб ба онҳо расида бошад. Ниҳолҳоро пайваста бо об таъмин намоед.




*Самти қатори ниҳолҳои шинондашуда аз ҷониби шимол ба ҷануб барои расиши миқдори муайяни нури офтоб.*





| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Шинондан

## Тарзи шинондан: қаламча

**1**



*Барои зарурат бо мехи оҳанин дар замин чуқуриҳои на он қадар калонро биканед!*



**2**



*Қаламчаҳоро дар замин шинонед!*

**3**




*Боварӣ ҳосил кунед, ки ½ қисмати қаламча дар замин мебошад!*



# Шинондан

## Тарзи шинондан: зиёд намудани навдаҳои решагӣ

**1**



**2**



**3**



*Навдаҳои решагӣ гирдогирди дарахти аслӣ мерӯянд. Ҳарчанд ки муайян намудани намуди ҷинсияти навдаҳои навхез мушкил бошад ҳам, вале беҳтарин ниҳолҳои ангати мевадиҳандаро аллакай дар вақти мавсими мевадиҳӣ нишон кардан лозим аст. Навчаҳои аз реша рӯидагиро дар фасли баҳор ҷудо намуда...*

*...онҳоро дар қитъа дар чуқурии то 10 см шинонед.*







# ангат (хор)

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

## Сохтани гузаргоҳ аз мобайни хор

### Барои нигоҳубинӣ ва ҷамъоварии ҳосил

Барои осонтар ҷамъоварии меваи хор ва нигоҳубинӣ кардан дар ҷойҳои нисбатан зич ва серхор зарур аст, ки аз мобайни анбӯҳи хор роҳе сохта шавад. Махсусан хорҳои мардона бурида мешаванд. Онҳоро мумкин аст ҳамчун ҳезум ё барои сохтани панҷара истифода бурд. Барои муҳофизати ҷангал ва хок боварӣ дошта бошед, ки дар ҷое, ки миёни анбӯҳи хор роҳ сохтаед, он бо растанӣ рӯпӯш бошад, масалан бо алаф.










*Паҳноии роҳ аз мобайни анбӯҳи хор аз 80 то 100 см.*



# Бурида кӯтоҳ кардан




*Дарахтони калони занона барои осонии ҷамъоварии меваи ангат бояд бурида кӯтоҳ карда шаванд. Вақти бурида кӯтоҳ кардани дарахтон баландиашонро аз 150 то 180 см монед. Бурида кӯтоҳ кардани дарахтонро дар фасли тирамоҳ ё зимистон гузаронед, то ин ки мавсими коратон бо ҷамъоварии меваи ангат мувофиқат намояд.*

Шохаҳои буттаи хорҳои намуди занонаи нисбатан ояндадор, бояд ки ҳамасола бурида шаванд, то ки саршохҳояшон ҳамдигарро напечанд. Саршохҳои нисбатан дарозро барои он буридан зарур аст, то ки навдаҳои аз паҳлӯ сабзшуда низ ҳаракат намоянд. Дарахтони расидаи мукаммали мевадиҳандаро дар он сурат бурида кӯтоҳ кардан зарур аст, агар саршохҳояшон бисёр зич ва ба ҳам расида бошанд, то ин ки равшании офтоб барояшон кифоя бошад.





*ангат (хор)*

| ЯНВ | ФЕВР | МАРТ | АПР | МАЙ | ИЮН | ИЮЛ | АВГ | СЕН | ОКТ | НОЯБ | ДЕК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

# Ҷамъоварии меваи ангат

## Ҷамъоварии меваи ангат дар мавсими сармо

1



*Шохаҳоро бо меваашон буред.*

2



*Шохаҳоро барои ях кунондан як шаб монед.*

3



*Шохаҳои яхкардаро афшонед.*







# Ҷамъоварии меваи ангат

## Ҷамъоварии ҳосил бе яхкунонии меваи хор

1



*Шохаҳоро бо меваашон буред.*

2



*Шохаҳоро хурд-хурд ба андозаи 5 см буред.*

Меваҳо дар шохчаҳои буридашуда метавонанд то мӯҳлати як ҳафта, то гум накардани сифаташон бимонанд. Тарзи дурусти бурриши буттаҳо дараҷаи ҳосилнокиро кафолат медиҳад.







# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Буридан ва гардондани дарахтон

giz

Лесное Хозяйство ГБАО

Идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар Кӯҳистони Бадахшон

# Бехатарӣ

### Қитъаи ҷои кориатонро аз назар гузаронед ва омода намоед

→ **Дар қитъае, ки дар он ҷо дарахт бурида мешавад, одамон ва ҳайвонот бояд набошанд. Ҳар кадомашон бояд дар масофаи бехатар на кам аз ду баробари дарозии дарахт истода бошанд!**

→ Мавҷудияти ашёҳои хатарнок, ба монанди хати барқ, алоқа ва дигар ашёҳои инфрасохторро муайян намоед!

→ Буридани дарахтон дар рӯзҳое, ки шамол бо суръати баланд мевазад, қатъиян манъ аст!

### Дарахтеро ки буридан мехоҳед, дида бароед

→ Самти афтидани дарахтро муайян намоед ва он ҷоро тоза намоед!

→ Минтақаи кории гирдогирди дарахтро тоза намоед!

→ Роҳи дур шуданро бароятон омода намоед!

→ Қисми болоии дарахтро бо мақсади ҷой доштани шохаҳои хушкшуда ва ё шохаҳои ноустуворбудаи шикасташавандаро дида аз назар гузаронед!

→ Шохаҳои поёнӣ, ки ба буридану гардондани дарахт халал мерасонанд, бояд бурида шаванд.



# Бехатарӣ

Чӯберо ёбед, ки дарозии он ба дарозии дастатон баробар бошад. Дастатонро ба таври уфуқӣ (горизонталӣ) бардошта ба тарзи амудӣ (вертикалӣ) чӯбро дар баробари сатҳи чашмони худ нигаҳ доред. Ба қафо (ё ба пеш) ҳаракат кунед то он даме, ки дар нӯги болоии чӯб сараки дарахт низ дида шавад. Масофаи байни худ ва дарахтро чен намоед. Ба ин масофа дарозии қадатонро низ зам намоед. Дар маҷмӯъ баландии дарахт муайян мегардад.

### Муайянкунии баландии дарахт




*Муайян намудани баландии дарахтро ёд гиред, то ин ки баъди гардонданаш фаҳмида тавонед, ки он то ба куҷо расида метавонад.*

### Роҳи дур шудан




*Пеш аз буридани дарахт ҳатман роҳи дур шуданро санҷидан зарур аст, то ки он аз самти ба нақшагирифтаи афтиши дарахт дур бошад.*



# Раванди гардондани дарахтон

## 1 Арракунии равонкунанда




*Арракунии равонкунандаро дар танаи дарахт аз тарафе кунед, ки он ба самти гардондани дарахт низ мувофиқат намояд.*

## 2 Арракунии афтондан




*Арракунии афтишро аз тарафи дигар дар муқобили арракунии равонкунанда кунед ва онро аз он каме болотар арра занед. Аммо танаи дарахтро пурра арра назанед!*

Барои бехатар гардондани афтиши дарахт қисми мобайнии дарахтро дар миёни ду тарафи ҷои аррашуда мондан даркор аст, вагарна дарахт ба қафо меафтад.







# Усулҳои техникии ҷангалпарварӣ



## Асбобҳо

Идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар Кӯҳистони Бадахшон

giz

Лесное Хозяйство ГБАО



# Асбобҳо барои кор дар ҷангал

**Каланд:** Барои тайёр намудани замин ба шинондан. Барои тозакунии ҷӯйборҳо.



**Ростбел:** Барои кандани чуқурӣ ва ҷӯйҳо. Шинондани ниҳолҳо



**Партовбел:** Барои аз як сӯ ба сӯи дигар ҳаракатдиҳии хок



**Бели хамида барои шинондан:** Барои шинондани ниҳолҳо



**Чуқурикани оҳанин:** Барои бо зарба кандани чуқурӣ барои шинондани қаламчаҳо





**Бурранда:** Барои буридани шохчаҳо, ки ғафсиашон камтар аз 3 см



**Буррандаи майда:** Барои буридани шохчаҳои майда ва химчаҳо



**Бурранда бо сандонча:** Барои буридани шохчахои ғафсиашон аз 3 см боло



**Арраи боғкорӣ-дастӣ:** Барои буридани шохҳо



**Арраи боғкорӣ-телескопӣ:** Барои буридани шохчаҳои баланд







# Асбобҳо барои кор дар ҷангал

**Буррандаи боғкорӣ-телескопӣ:** Барои буридани шохчаҳои майдаи дар баландӣ ҷойгиршуда



**Арраи дусарра:** Барои буридани дарахтон



**Табар:** Барои буридани дарахтони начандон калон ё шохаҳои ғафс



**Чок:** Барои заминкорӣ дар вақти кандани ҷӯйбор ё панҷара



**Анбӯри паҳннӯл:** Барои кор кардан бо сим





**Метри қатшаванда:** Барои ченкунӣ



**Тасма-пораи матоъ:** Барои нишон кардани дарахтон



**Сим:** Барои сахт намудани ҷузъҳои панҷара



**Дастпӯшакҳо:** Барои муҳофизати дастон



giz
Лесное Хозяйство ГБАО